**Тақриз**

**ба кори илмӣ-таҳқиқотии Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод гардидааст**

Дар замони муосир мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додани самтҳои нав ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар низоми илми ватанӣ яке аз масоили саривақтист, ки дар ин замина Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» тавонистааст, ки дар ин самт саҳми назарраси хешро гузорад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он равона шудааст, ки ба даст омадани соҳибистиқлолии Тоҷикистон, рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, баланд гардидани сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ заминаҳои навро барои рушди соҳаҳои ҳаёти ҷомеа рӯи кор овард ва табиист, ки илмҳои педагогӣ низ аз ин истисно набуданд. Дар даврони мазкур саҳми воқеӣ дар ҳалли масъалаҳои ислоҳоти кулли зинаҳои таҳсилот, таъмини илмӣ-методӣ, баланд бардоштани самаранокии таҳсилот, тарбияи насли наврас, бунёди неруи фикрии ҷомеа, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кишвар тақвият мебахшад.

Диссертант зимни омӯзиш ва баррасии мавзуъ эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро бо мухолифат надоштани интихоби равишҳои методологӣ, интихоби матни таҳқиқот, диссертатсияҳо, автофератҳо ва тақриз ба онҳо, инчунин, гуногунрангӣ ва ба ҳам мувофиқат кардани истифодаи методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, аз ҷумла, роҳҳои ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ муайян намудааст. Эътимоднокии нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, тавассути муқоисаи далелу рӯйдодҳо, машварат ва муҳокимаи ҳамаҷониба бо мутахассисону коршиносони соҳаи таҳқиқ озмуда шудааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва назариявии таҳқиқот дар он мебошад, ки мавқеи муаллиф дар ҷустуҷӯ ва ёфтани воситаҳои самараноки ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ исбот

карда шудааст. Пешниҳод ва тавсияҳои муаллиф дар бораи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ мусоидат хоҳанд кард.

Муаллиф дар таҳқиқот бевосита аз сарчашмаҳои зиёди илмӣ, истифода бурда, тӯли солҳои зиёд дар раванди арзёбии илмии рисолаи ҳимояшаванда ба сифати маърӯзачӣ дар конфронсҳои сатҳи баланди ҷумҳуриявиву байналмилалӣ, гузаронидани трениннгҳо, такмили маҳорати касбӣ тавассути курсҳои такмили ихтисос ширкат варзида, тавассути он аз методҳои самарабахши замонавӣ арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар заминаи омӯзиш муҳаққиқ тавассути таҳия ва нашри асару мақолаҳои илмӣ бори нахуст афзалияти истифодаи роҳҳои ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ собит намудааст.

Дар муқаддима муҳаққиқ доир ба мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва дигар ҷанбаҳое, ки дастгоҳи илмии диссертатсияро мукаммал мегардонанд, асоснок намудааст.

Боби якуми диссертатсия - «Таҳқиқи масъалаҳои педагогӣ-назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» - масъалаҳои мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҷумҳурӣ баррасӣ намудааст.

Дар идомаи таҳқиқ муҳаққиқ доир ба заминаҳои таърихию илмӣ, тарбияи шаҳрвандии хонандагонро тавассути худомӯзӣ ҳамчун рукни таркибӣ ва ҷудонашавандаи тарбияи худшиносии миллӣ, тарбияи худогоҳӣ, ваҳдат, ҳувият ва ифтихори миллӣ, принсипҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, вижагиҳои хоси тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ маълумоти илмӣ фароҳам овардааст.

Боби дуюми диссертатсия - «Модели педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути худомӯзӣ» - модели тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ мебошад, ки аз се зербоб иборат аст. Масъалаҳои баррасишавндаи боби мазкур коркард ва татбиқи модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила, самарабахшии мундариҷа ва модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ба шумор меравáнд.

Диссертант масъалаҳои болозикрро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки дар ин радиф омӯзиши осори олимони ватанию хориҷӣ нақши калон мебозад.

Мақолаҳои нашршудаи диссертант музмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши баланди илмӣ буда, фарогири масъалаҳои муҳим дар рушди низоми илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Хулоса, кори илмӣ-тадқиқотии «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
сармуаллимаи кафедраи назария ва
методикаи тарбияи томактабии факултети
психологияи ва таҳсилоти томактабии
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Собирова Н.С.

22.08.2024

**Маълумот барои тамос:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Телефон: (+992) 92 700 90 39.
E-mail: sobiri.n@mail.ru

Имзои Собирова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Ҳусейнова З.С.